# Тақриз

**ба диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ. – Душанбе 2024. – 390 саҳ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Бо шукргузори аз фазои ободу озоди кишвари азизамон ва сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат муҳтарм, Эмомалӣ Раҳмон бо ифтихор баён менамоем, ки Истиқлоли давлатӣ имкониятҳои фаррохеро фароҳам овард, то ки ба арзишҳои миллии хеш амиқтару жарфтар назар афканем. Забони нобу шевои мо, ки таърихи ҷандинҳазорсола дорад, яке аз арзишҳои гаронбаҳотарини мардуми тоҷик маҳсуб меёбад. Аксарияти вожаву истилоҳоте ки таърихи пайдоиши куҳан доранд, дар осори пурғановати ниёгонамон ба мушоҳида расида, бештар дар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ маҳфуз мондаанд.

Омӯзиши таркиби луғавии забонамон аз нигоҳи этнолингвистӣ аҳаммияти махсуси илмӣ ва назарияиро доро мебошад. Яке аз ин инпажуҳишҳо таҳқиқоти этнолингвистии лаҳҷаҳои водии Ҳисор маҳсуб меёбад, ки дар он вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, омӯзишу пажуҳиши онҳо аз нигоҳи этнолингвистӣ, таҳқиқ гардидааст, ки он то ин дам аз мадди назари муҳаққиқони соҳа то андозае дур монда буд.

Агар ба таркиби луғавии лаҷаҳои водии Ҳисор аз наздик назар афканем, ба мушоҳида мерасад, ки Шоҳроҳи Бузурги Абрешим, ки аз ин минтақа мегузарад, барои пайдоиши вожаву истилоҳоти зиёде, ки маҳз, ба соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ марбутанд, мусоидат карда метавонад. Масъалаи дигар омӯзишу пажуҳиши ин лаҳҷаҳо аз нигоҳи этнолингвистӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз, дар ин водӣ бархӯрди шеваи шимолӣ бо шеваи ҷанубӣ ба назар мерасад, ки хеле ҷолиб аст.

Таҳқиқи илмии ин масъалаҳо аҳаммияти калони илмӣ дорад, ки барои таҳқиқи онҳо унвонҷӯ Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна камари ҳиммат баста, дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» диссертатсияи докторӣ манзур намудааст, ки бешубҳа ба самти забоншиносӣ, махсусан, забоншиносии қавмӣ ба бахши забони тоҷикӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01 – Забони тоҷикӣ пурра мувофиқ аст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия**. Дар даврони Истиқлоли давлатӣ ба намудҳои гумшудаи косибӣ умри дубора бахшида шуда, бо иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 дар кишвар «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шуданд. Ин иқдомҳо боиси аз нав зинда шудани ҳунарҳои мардумӣ ва калимаву истилоҳоте, ки ба гурӯҳи вожаҳои куҳнашуда дохил шуда буданд, гардиданд. Аз ин рӯ, мубрамии таҳқиқи мазкур, низ дар он аст, ки вожагони соҳаи

ҳунармандӣ ва маишӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ ба таври васеъ омӯхта шуда, на танҳо оид ба калимаву истилоҳоти ифодакунандаи соҳаҳои мазкур бо фарогирии ҷанбаҳои асосии ин мавзуъ мавод фароҳам оварда мешавад, балки тавассути эҳёи вожагони дахлдор барои эҳёи худи анъанаҳои ҳунармандӣ ва маишӣ низ замина ба вуҷуд оварда мешавад.

Гарчанде дар водии Ҳисор навъҳои гуногуни ҳунармандӣ маъмуланду Роҳи Бузурги Абрешим ин водиро миёни дигар мавзеъҳо шуҳратёр намуда бошад ҳам, вале таҳқиқи мукаммали вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ аз нигоҳи этнолингвистӣ таҳқиқоти илмӣ ба назар намерасад. Дар баррасии илмии ин мавзуъ диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар тахти унвони «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» кори аввалини мукаммалу густурда буда, барои баррасии вожаву истилоҳоти соҳаи ҳунарманди ва маишӣ, тақсимбандии онҳо, муайян намудани баромади ин калимаҳо, нишон додани хусусиятҳои этнолингвистии онҳо мусоидат мекунад. Ин аст, ки кори диссертатсионии пешниҳодшуда, комилан нав буда, мубрам арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд**. Калимаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ҳамарӯза дар нутқи ворисони забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он мавриди истифода қарор доранд. Тозаву беолоиш интиқол додани онҳо ба насли наврас вазифаи авалиндараҷаи муҳаққиқону устодон ба ҳисоб меравад. На танҳо истифодаи ин вожаҳо дар нутқи ҳаррӯзаи ин мардумон, балки таҳқиқи забоншиносии қавмии онҳо барои нишон додани арзишҳои воқеии ин лаҳҷаву шеваҳо аҳаммияти фавққулода ва хеле муҳим дорад. Дар заминаи диссертатсияи пешниҳодшуда аз тарафи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевана кори сифатан нави илмӣ ба анҷом расонида шудааст, ки дар тули мавҷудияти ин лаҳҷаҳо авалин баррасии илмӣ аз лиҳози забоншиносии қавмӣ маҳсуб мегардад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Масъалаҳои таҳқиқ, ки ба вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ бахшида шудаанд, дар диссертатсия асоснок гардидаанд., ки онҳо дар заминаи баррасии ҷанбаҳои гуногуни ин вожаҳо сурат гирифтаанд.

Дар бобҳои рисола масоили гуногуни ба ҳам алоқаманд мавриди таҳқиқ қарор мегирад ва аз ин ҷиҳат хулосабарориҳо ҳам пайи ҳам мантиқианд. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо бо он мустаҳакам мегарданд, ки диссертатсия дар асоси маводди лаҳҷаҳои водии Ҳисор вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ муназзам гардидаанд. Маълумоти пешниҳодшуда дақиқ аст, дуруст будани усул роҳу равиши интихобшуда, дар рафти кор дида мешавад. Маводди таҳқиқ ба андозаи кофӣ мукаммал аст, ки мисолҳои овардашуда дар саҳифоти рисола гувоҳи ин маънӣ аст.

**Аҳаммияти илмӣ амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**. Диссертатсияи пешниҳодкардаи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна, ки ба таҳқиқи

этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор бахшида шудааст, аҳаммияти муътамади илмӣ дорад. Дар он бори аввал масъалаи баррасии яке аз қабатҳои асосии таркиби луғавии лаҳҷаҳои водии Ҳисор, як қисми луғоти забони тоҷикиро ташкил медиҳад, даст зада, андешаҳо олимони зиёдеро перомуни мазмуну моҳияти ин лаҳҷаву шеваҳо матраҳ карда, вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишиеро, ки ба гуйишҳои ин мардумон марбутанд, бо диди нави илмӣ ба риштаи таҳиқ кашидааст.

Дар баробари ин диққати рисоланавис ба баромади вожагони соҳаи ҳунарманди ва маишӣ дар гӯйишҳои водии Ҳисор ҷалб шуда, дар ин бахш таҳқиқи сифатан нави илмӣ пешниҳод мегардад. Нишон додани калимаҳои аслии тоҷикӣ ва иқтибосии соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ барои равшан сохтани моҳияти забонӣ ва нақши онҳо дар ташаккули забони тоҷикӣ моҳияти илмии корро баланд мегардонад.

Метавон гуфт, ки маводи илмӣ назариявии кори диссертатсионӣ натиҷаҳо, роҳу равиш ва интишороти муаллиф барои ба вуҷуд омадани корҳои мушобеҳ метавонад ёрӣ расонад. Ҳамчунин, маводӣ илмӣ –назариявии ин диссертатсия барои донишҷӯён, унвонҷӯён, магистрҳо, ва мутахассисони забоншиносу лаҳҷашинос муфид арзёбӣ мешавад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки мавод ва натиҷагириҳои таҳқиқ дар пажуҳиши вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, гурӯҳбандии онҳо аз ҷиҳати маъно, омӯзиши хусусиятҳои забонии онҳо арзиши муҳим дошта, дастоварди илмии мазкурро дар навиштани мақолаҳо ва таълифи китобҳои дарсӣ доир ба этнолингвистика, сотсиолингвистика, лигвокултурология, лаҳҷашиносӣ, истилоҳшиносӣ ва курсҳои махсус метавон мавриди истифода қарор дод. Инчунин, барои мураттаб намудани фарҳангҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ маводди диссертатсия замина гузошта метавонад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Кори диссертатсионии Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна аз ихтисораҳо, муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия, феҳристи адабиёт, нашри таълифоти илмӣ мутобиқи мавзуи диссертатсия дар ҳаҷми 390 саҳифаи чопи компютерой пешниҳод гардидааст. Ҳар боби тахаҳқиқ масъалаҳои муҳимми илмиро фаро гирифта, аз фаслҳои марбут ба мазмун муҳтавои бобҳо алоқаманд иборат мебошанд. Зимни таҳқиқ аз равишҳои мувофиқу мушахаси илмӣ истифода шудааст. Дар ҳар боб вобаста ба масоили матраҳшаванда андешаҳои илмии мутахассисон мавриди баррасию омӯзиш қарор мегиранд ва аз тарафи муаллифи рисола хулосаҳои муҳимми илмӣ бароварда мешаванд, ки натиҷаи дарк масъала ба шумор меравад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объекту мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, ҳадафу вазифаҳо, усулҳои таҳқиқ, навгониҳо равшан баррасӣ шудаанд.

Кори диссертатсионии мазкур мақсаду вазифаҳои мушаххаси илмӣ дорад, нуктаҳои асосӣ ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, дар бахши таҳқиқи хусусиятҳои вожагонӣ ва этнолингвистӣ, аз ҷумла калимаҳои аслан тоҷикӣ, иқтибосии

арабӣ, туркӣ узбекӣ, русӣ аврупоӣ вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар гуйишҳои мардумони Ҳисор барои омӯзиши дигар лаҳҷаву шеваҳо пураҳаммият мебошад.

Боби аввали рисола «Асосҳои назариявии таҳқиқи масъалаҳои этнолингвистика» унвон дошта, аз шаш зерфасл иборат аст.Дар ин фасл аввал оид ба ҷойгоҳи этнолингвистика дар забоншиносии муосир баҳс ороста, фикру андешаҳои ҷолиби олимону донишмандонро роҷеъ ба пайдоиши илми этнолингвистика оварда тавонистааст.

Дар фасли омӯзиши лаҳҷаву шеваҳои Ҳисор аз нигоҳи этнолингвистӣ асару мақолаҳои зиёди илмие, ки аз тарафи донишмандон В.В. Григогорев, И.И. Зарубин, П.Е. Кузнетсов, А.А. Семёнов, М.С. Андреев, Л. Бузургзода, Л.В. Успенская, В.С. Расторгуева, А.З. Розенфелд Н. Ершов, Ш. Исмоилов, М. Муҳаммадҷонов, Н. Гадоев, И. Сулаймонов ва дигарон доир ба гуишҳои водии Ҳисор ба таъб расидаанд, таҳқиқ шуда, ҳасаноти онҳо нишон дода мешавад. Унвонҷӯ андешаи худро роҷеъ ба ин таълифотҳо баён намуда, зикр кардааст, ки гарчанде дар ин таълифотҳо истилоҳи этнолингвистика мавриди истифода қарор нагирифта бошад ҳам, вале онҳо хусусияти этнолингвистиро доро мебошанд. Ин натиҷагириҳои мантиқи унвонҷӯро водор сохтааст, ки баъзе эътирозҳои худро боҷуръатона роҷеъ ба таълифотҳои намудаи ин донишмандон баён намояд, ки аз ворид шудани рисоланавис ба умқи мавзуъ дарак медиҳад.

Унвоҷӯ тавонистааст роҷеъ ба баъзе андешаҳои ба назари ӯ шубҳаовари ин муҳақиқон ки оид ба омӯзишу пажуҳиши лаҳчаву шеваҳои водии Ҳисор ба итмом расонидаанд, фикри худро баён намояд, ки яке аз онҳо сатҳи шуморидани таҳқиқоти М. С. Андреев аз ҷониби В.Л. Успенская ба шумор меравад. Рисоланавис тавонистааст, бо факту далелҳо исбот намояд, таҳқиқи кардаи М.С. Андреев сирф хусусияти этнолингвистӣ дошта, дар ҳақиқат, дар асоси омӯзиши амиқи ин лаҳҷаҳо гузаронида шудааст ва зикр намудааст, ки дар пажуҳишии «Таджики долины Хуф» овардани номи иддае аз абзорҳое, ки барои шудгор кардани замин дар водии Ҳисор мавриди истифода қарор медиҳанд, дар муқоиса бо водии Хуф аз он шаҳодат медиҳанд.

Инчунин, муҳаққиқ боҷуръатона андешаи В.С. Расторгуеваро роҷеъ ба лаҳҷаи лаҳҷаи Ҳисор, ки онро бо лаҳҷаи Варзоб пас аз таҳқиқи лаҳҷаҳо ба гурӯҳи махсуси лаҳҷаҳои марказӣ дохил намудааст, шубҳаовар ҳисобида, дар баробари ин далелҳои дигареро аз асарҳои дигар муҳаққиқон овардааст, ки онҳо низ ин нуктаҳоро зикр кардаанд.

Боби дуюми рисола «Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуиву вожагонии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» номгузорӣ намуда, онро ба нуҳ фасл ҷудо карда тавонистааст Дар ин боб баррасии масъалахои вожагони соҳаи чармгарӣ муҳаққиқ камари ҳиммат баста, калимаву истилоҳоти зиёдеро оварда тавонистааст, ки тасвири забонии ҷаҳони ин мардумонро нишон дода, доираи интишорашон аз ин мавзеъҳо дур рафта наметавонанд, аз қабили кафши чакӣ, кафши ғажас, кафши чорангушта, кафши панҷангушта ва ғайра.

Дар баррасии вожагони соҳаи кулолӣ ибораҳои халқи ва фразеологии зиёдеро овардааст, ки маҳз дунёи ин мардумонро нишон медиҳанд, аз қабили сангу сафол шуда шиштан, ва ҳундӣ аз мундӣ об мехӯрад. Инчунин, вожаҳоеро пайдо намудааст, ки дар дигар лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикӣ ба назар намерасанд, аз қабили гиҷбул, кӯгичаҳуток, навъи бозича, тавақи бандиҷомакашӣ, табақи буламоққашӣ ва ғайра

Дар баррасии вожаву истилоҳоти слҳаи дӯзандагӣ хуссуиятҳои этнолингвистӣ доштани калимаҳоро нишон дода, қайд намудааст, ки вожаҳои куртаи туйравак, куртаи мурдапӯшак, куртаи чилагӣ ва ҷомаи рӯйи тобут ба ин мисол шуда метавонанд, инчунин, бархурди шеваи шимолиро бо шеваи ҷанубӣ, маҳз, дар ҳамин фасл бештар муаяйн сохтааст.

. Унвонҷӯ тавонистааст дар ин боб 72 бовар ва ибораҳои халқии зиёде, ки дар иртибот бо вожаҳои соҳаи ҳунрмандӣ базуҳур омадаанд пайдо намояд, ки дар асоси онҳо метавон як рисолаи илмии диргареро навишт.

Боби сеюм «Таснифоти этнолингвистӣ ва мавзуии вожагони ифодакунандаи соҳаи маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» унвон дошта, аз ҳашт фасл иборат мебошад.

Фасли якуми боби сеюм, ки «Вожагони ифодакунандаи соҳаи зироаткорӣ» номгузорӣ карда шуда, калимаву зиёдеро ҳамчун намуна овардааст, ки дар асоси зироаткорӣ ба зуҳур омадаанд ба зуҳур омадаанд, аз қабили лойшан, мирзодавак, ҷомиқурwоқағундорӣ ва ошкор намудааст, ки номҳои баъзе аз маросимҳо, аз қабили гандумдарав, хирманкӯбон, хирманбодкунӣ дар асоси пешаи гандумпарварӣ пайдо шуда, сурудҳои махсуси худро доранд:

Ҳангоми баррасии вожагони ифодакунандаи соҳаи боғдорӣ як зумра калимаву истилоҳотеро гирдоварӣ кардааст, ки сирф хусустятҳои этнолингвистиро зоҳир намуда, майдони маъноии васеъ надоранд, аз қабили чочи штур (навъи ангур), харсев (навъи себ), линги хар (навъи нок), говшафтолу (навъи шафтолу), хирсак, сагак, хукакчигда (навъи чигда)ва ғайра.

Дар баррасии масъалаи вожагони ифодакунандаи соҳаи чорводорӣ моҳияти калимаи аспро дар тафаккури мардумони водии Ҳисор нишон додааст, ки маҳз ин нукта мавзуи баҳси этнолингвистика қарор мегирад. Қайд кардааст, ки калимаи *«асп»* маънои манфиро дар ягон маврид ба худ касб карда наметавонад ва ибораҳои халқии «асп барин будан» (солим будан), «асп бо аробааш гузаштан» (ҷойи кушоду серодам) «асп тозон будан» (кор пеш рафтан), маҳз, дар заминаи хусусияти мусбатро доро будани асп пайдо шудаанд. Аммо ба хилофи ин андешаҳо дар тафаккури ин мардум бовари «дар хоб дидани асп, нек нест» ҷой шудааст, ки дар асоси андешаи қувваи бузург доштани асп, ки қудрати кашида бурдани ҳама чиз, ҳаёти инсон ва ҳатто тобутро дорад, пайдо шудааст.

Дар ин боби рисола баррасии вожаҳои ифодакунандаи соҳаи тиб хеле ҷолиб буда, маҳз тафовутҳои назаррасро дар истифодаи ин вожаҳо дар гуйишҳои мардумони ин мавзеъҳо нишон дода тавонистааст, аз қабили сумаки аспак/ телпаки морак (навъи занбӯруғ), шири харак (навъи гиёҳ), рӯғани кучукак (равғани саг) (номи давоҳо), умедвор /дуҷон (обистан), чашм рӯшан

шудан /аз қад ҷудо шудан /аз бадан ғалтидан, сари хишт рафтан (вафот кардан дар таваллудкунӣ) (мафҳумҳои таваллудкунӣ) ва ғайра

Боби чоруми рисола «Хусусиятҳои забонии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» номгузорӣ шуда, онро дар навбати худ ба ду фасл ҷудо намудааст. Дар фасли якум, ки «Решашиносии вожагон» унвон шудааст, решаи калимаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ, ки хоси гӯйиши мардумони водии Ҳисоранд, муайян карда шудаанд.

Дар зерфасли якуми фасли якум «Вожаву истилоҳоти аслан тоҷикӣ» оварда шудааст, ки бештари калимаҳои аслии тоҷикӣ хусусияти калимасозӣ доранд, ки ин хусусияташонро дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст, аз қабили чахдег, чахчӯw /чалахчӯw (асбобе, ки чарх зада равғанро аз ҷурғот ҷудо менамояд), чахник (ҳалқаҳои махсуси чӯбини бо чарх васлшуда) чахникбанд (банди чахник) ва ғайра.

Хусусиятҳои хоси калимаҳои аслан тоҷикиро рисоланавис нишон дода, вожаҳое, ки ҳам хоси забони адабиёти классикӣ ва ҳам хоси лаҳҷаҳои водии Ҳисоранд: тулумдӯз, пӯстакдӯз, мӯзадӯз, мӯкидӯз, андозагирӣ, бахийадӯзии (соҳаи чармгарӣ) косагар, косатарош, косагул (соҳаи кулолӣ) овардааст, инчунин, мавқеи идае аз вожаҳое, ки шакли овозии худро каме тағйир доданд: чироғ (чароғ), гиривон (гиребон), чишмак (чашмак), алов (алоб), гуловӣ (гулобӣ) нишон дода, диққати хешро ба вожаҳое, ки шаклу маънии лаҳҷавӣ пайдо кардаанд: чортеғ(нақши алоча), оча бача (ҷойпӯш ва ҷойпӯшча), ғижас (навъи кафш), кокулдорак (навъи қанд), ғижак (кафши арусӣ) равона сохтааст..

Дар зерфасли дуюми фасли якум – «Вожаҳои иқтибосӣ» роҷеъ ба калимаҳои иқтибосии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ сухан ба миён оварда, масъалаи азхудшавии фонетикӣ, азхудшавии грамматикӣ, бо калимаҳои иқибосӣ якҷоя омада, калимаҳои мураккаб сохтан ва азхудшавии лексикии калимаҳои иқтибосӣ баррасӣ гардидаанд. Инчунин, диссертант зикр кардааст, ки вожаҳои иқтибосии арабӣ чунин ҳам дар гӯйишҳои мардумони ин мавзеъ ҳазм шудаанд, ки барои муайян намудани онҳо як таҳқиқкоти мукаммали забоншиносӣ лозим аст, аз қабили косиб, қассоб, сарроч, ғилоф,зарф, табақ, қадаҳ , ҳалқа, муҳра, лоҷвард ва ғайра.

Дар зерфасли дигар вожаҳои иқтибосии туркӣ-ӯзбекӣ мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор гирифта, роҷеъ ба калимаҳои туркии ифодакунандаи номвожаҳои ҷуғрофӣ, ки дар ташаккули вожаҳои соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ мавқеи калон доранд, сухан ба миён оварда шуда, зикр гардидааст, ки аксарияти онҳо тавассути номвожаҳои ҷуғрофӣ пайдо шудаанд, аз қабили дӯзандаи қипчоқӣ, устои бойсунӣ, заргари янгиюлӣ ва ғайра.

Вожаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар ифодаи мафҳумҳом ҳунармандӣ ва маишӣ аз ҷониби рисоланавис ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, Дар ин зерфасл қайд карда шудааст, ки иддае аз калимаҳо шакли лаҳҷавиро касб намудаанд, аз қабили пӯшта (почта), очур (очередь), истакон (стакан), шакалот (шоколад), малмалот (мармелад), лампӯшка (лампочка), шӯт (счёт) ва ғайра.

Фасли дуюми боби чоруми рисола «Вожагони ғайрифаъол» номгузорӣ шуда, дар он вожагони таърихан маҳдудшуда, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар зерфасли якуми фасли дуюми боби чоруми рисола «Вожагони таърихӣ» оид ба ба калимаҳои таърихӣ дар ифодаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ сухан ба миён оварда, ҳамчун намуна вожаҳои ханҷар, найза, гурз, шамшер, камонро нишон додааст.

Дар ин зерфасл диққати муҳаққиқ бештар ба калимаҳои кӯҳнашуда ифодакунандаи номвожаҳои ҷуғрофӣ равона гардидааст, ки баррасии онҳоро аз ҷониби дигар муҳаққиқон ба мушоҳида гирифта натавонистем, аз қабили кӯҳи Қоф, давлати Лавако, Кирмон, Чағониён ва ғайра. Рисоланавис қайд намудааст, ки ин номвожаҳо дар як вақт дар нутқи ворисони забонамон хеле сермаҳсул буданд, аммо бо мурури вақт доираи истеъмоли онҳо маҳдуд гашта, онҳоро дар нақлу ривоятҳо ва рубоиву таронаҳое, ки аз ҷониби намояндагони ин лаҳҷаву шеваҳо эҷод карда мешаванд, вохӯрдан мумкин аст.

Хулоса диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар 28 банд оварда мешавад, ки дар онҳо муҳимтарин андешаҳои хулосакунанда оид ба диссертатсия ҷамъ омадаанд. Аз хулосаҳои диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевана эҳсос мешавад, ки муаллиф масъалаҳои матраҳшударо ҳазм кардааст ва онҳоро метавонад барои хонанда дуруст пешниҳод намояд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Доир ба муҳтавои диссертатсия дар 33 - мақола, аз ҷумла, 25 - мақолае, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва 8-мақола дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ, аз ҷумла берун аз кишвар чоп шудаанд. Мақолаҳо интишоргардида мазмуну муҳтаво, натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд ба нашр расонидааст, инъикос ёфтааст.

Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 - и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Диссертатсияи Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна ба талаботи бандҳои 31 ва 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз тарафи унвонҷӯ мустақилона навишта шуда, мазмуну моҳият, пайдарҳамии масъалагузориҳо, мантиқи муносиби илмӣ дошта, масоил ва нуктаҳои матраҳшуди илмӣ, навовариҳои илмиидиссертатсионӣ, усулу шеваи нигориш, пешниҳоду тавсияҳои амалӣ, масоили ба ҳимоя

пешниҳодшуда, шарҳу тавзеҳи масоил, истифодаи осори илмӣ ва луғатномаҳо барои ташреҳи калимаҳо дар сатҳи муносиб буда, гувоҳи саҳми шахсии диссертант мебошад.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Дар баробари ҳасанот ва муваффақиятҳои илмии қобили таваҷҷуҳ дар диссертатсия камбудию норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки овардани онҳоро бамаврид медонем:

1. Ба назари мо дар диссертатсия, мутаассифона муаллиф аз овардани нақшаҳо, таблитсаҳо ва диаграммаҳо худдорӣ кардааст. Агар муҳаққиқ дар кори худ ин равишро мавриди истифода қарор медод, арзиши илмии он боз ҳам дучанд мегардид.

2. Ба андешаи мо дар диссертатсия сайри таърихии зиёде ба назар мерасад (саҳ 22-97) хуб мебуд, муаллиф барои ихтисор шудаи саҳифаҳо аз чунин услуби навишт даст мекашид.

3. Гарчанде номи дисертатсия «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» унвон дошта бошад ҳам, вале таҳқиқот танҳо дар як ноҳияву ду шаҳр ба роҳ монда шудааст, хуб мешуд, ки агар ин дар унвони диссертатсия дар қавсайн оварда мешуд.

4. Ба андешаи мо хуб мешуд, ки муаллифи рисола банди номвожаҳои ба соҳаи ҳунармандӣ алоқаманд (171-184) дар барраси номвожаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ оид ба пайдоиши худи номвожаи Ҳисор, ки таърихи хеле куҳан дорад, каме маълумоти муфассал дода, этимологияи онро аз луғатҳо меовард.

5. Дар диссертатсия муаллиф бештар ба ҷанбаи этнолонгии калимаҳо такя намуда, ҷанбаи забонии онҳо то андозаи аз мадди назари муҳаққиқ дур мондааст, ки ин аз назари хонанда дур намемонад.

6. Дар диссертатсия вожагоне мвриди таҳқиқ қарор гирифтааст ки дар нутқи сокикони муқимии ин мавзеъҳо мавриди истифода қарор доранд, муаллиф аз овардани мисолҳо аз нутқи гурӯҳои этникие, ки аз дигар мавзеъҳо ба ин водӣ муҳоҷир шуда омадаанд, худдорӣ намудааст.

7. Дар диссертатсия фасли алоҳидае бо номи номвожаҳои соҳаи варзиш оварда шудааст, ки аз нигоҳи ин ҷониб зарурат надорад, зеро дар мавриди истилоҳот ва вожаҳои соҳаи варзиш таҳқиқоти зиёди олимони тоҷик аз қабили Ш.Сафаров, Н.Турсунов, А.Раҷабов ва чанде аз дигарон мавҷуд мебошад.

8. Ғалатҳои грамматики дар саҳ 2, 8, 12, 17, 26, 67, 104 ба назар мерасанд.

Ба вуҷуди ин, эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ ваислоҳшаванда дошта, моҳияти баланди илмии диссертатсияро кам намекунанд, онҳоро метавон дар таълифотҳои минбаъда ислоҳ намуд.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Диссертатсия бо истифода аз роҳу равиш ва услуби илмии мувофиқ таҳия шуда, қисматҳои кор бо риояи мантиқи ягонаи илмӣ, пайдарҳам пешниҳод шудаанд. Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар мавзуи кори диссертатсионӣ нашр кардааст, моҳият ва мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар мегирад.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ ба доираи мавзуъ ва ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ, комилан, мувофиқ

мебошад. Коркарди натиҷаҳо таҳқиқ, истифодаи амалии онҳо, нашри таълифоти илмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи доктории Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна дар мавзуи «Таҳқиқи этнолингвистии вожагони соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор» ба талаботи бандҳои 31- 35 –и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Тақризи мазкур бо дарназардошти бандҳои 71 ва 72 -и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**
Доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи
забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шафоатов А.Н.
E-mail: shafoatov@mail.ru
Тел: 985-07-44-19

Имзои доктори илмҳои филологӣ А.Н. Шафоатовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон
ба номи С. Раҳимов Шерализода З.

**Нишонӣ:** 734026, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, маҳаллаи Луҷоб, 53.
Донишкадаи тарбияи ҷисмонии
Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов
**Тамос** :(+ 992) 985 074419

**16 апрели соли 2024**